# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (илмҳои педагогӣ)

Асри XXI бо рушди бесобиқаи татбиқи амалии кашфиёти илмҳои бунёдии техникӣ ва технологияҳои квантӣ, инчунин фарогирии таҷҳизоти рақамӣ ва шабакавӣ, ихтирои наномаводи инноватсионӣ, ҳамзамон истифодабарии технологияҳои ядроӣ, рушди технологияҳои кайҳонӣ ва ниҳоят ба таври куллӣ тағйирёфтани динамикаи ҳаёти имрӯза фарқ мекунад. Ҳамин аст, ки дар замони муосир саводнокии баланд, қобилияти омӯзишу илмҳои дақиқу техникӣ ва ихтироъкориву навоварӣ ба асос ва нишондиҳандаҳои меҳварии нуфузи ҳар як миллату давлат табдил ёфтааст.Боиси ифтихор аст, ки аз қадимулайём миёни мардуми мо илму дониш мақоми хосаи худро дошта, мардуми бофазлу хирадпеша ба ин манбаи маърифат ҳамеша арҷ мегузоштанд. Хушбахтона, имрӯзҳо низ созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ тибқи назарсанҷиҳои худ Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз рӯйи чаҳор нишондиҳандаи асосӣ: дастрасӣ ба таҳсилот, сифати таҳсилот, сармояи инсонӣ ва қобилияти рақобати он дар миёни 101 давлати ҷаҳон дар ҷойи 54-ум ва дар доираи кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар яке аз ҷойҳои аввалин эътироф намудаанд, ки дар ин самт, пеш аз ҳама саҳми кормандони соҳаи илму маорифи кишварамон дар партави ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон амалӣ шудани як идда ислоҳоту иқдомоти наҷиби соҳаи илми тоҷик ва маорифи миллӣ гувоҳӣ медиҳад. Айни замон яке аз самтҳои калидии пешравиии кишварҳои мутараққии ҷаҳон рушди раванди таҳқиқот ва таълим дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ маҳсуб меёбад, зеро таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки илмҳои мутазаккир ҳамчун асоси дастовардҳои инноватсионии кишварҳои ҷаҳон ва ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани

сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандони онҳо мавқеи марказӣ ва аслии хешро ишғол намуда истодаанд. Боиси ифтихор ва қаноатмандии мо кормандони соҳаи илмҳои дақиқ мебошад, ки ҳанӯз соли 2019 бо ибтикор ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ихтилофоти асосиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: хусусияти меъёрии фаъолияти таълимӣ ва талабот дар рушди эҷодкории донишҷӯён ҳамчун иқтидори рушди иҷтимоӣ; фармоиши иҷтимоии ҷомеа барои шахсияти эҷодкор ва рушди нокифояи технологияҳои психологию педагогӣ дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК ҳамчун қобилияти умумии эҷодкорӣ; кӯшиши табиии донишҷӯ ба фаъолияти эҷодкорӣ ва низоми маҳдудиятҳо, мамнӯъиятҳо аз ҷониби омӯзгорон ва муҳити иҷтимоӣ; иқтидори назаррас дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК, ки дар дарси фанҳои табиатшиносӣ дониш, малака ва маҳорат доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 10 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 7-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар маводҳои конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои автореферат бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз

намуд, ки диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Давлат Амриддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.05. - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

04.01.2023 с.

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р.Мирзоев-ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷураев Ш.Н.*
04.01.2023 с.